**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Мадвализода Комёр Мадвалӣ ба яке аз мавзуҳои марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва ҳам ҷанбаҳои амалии исботкуниро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ фаро гирифта, руйкардҳои сифатан нави такмили ин падидаро рӯйи кор овардааст. Бо вуҷуди корҳои афзуни олимону муҳаққиқон дар ин самт, падидаи исботкунӣ дар ҳоли ҳозир мубрамияташро аз даст надодааст.

Дар шароити рушди низоми ҳуқуқӣ ва технологияҳои ҷадид таҳқиқот дар соҳаи исбот ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва адолати судии мурофиаи ҷиноятӣ ниҳоят аҳаммиятнок ба назар мерасад. Аз ин хотир, тағйиротҳои куллие, ки дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба миён омадаанд, тақозо менамоянд, ки доираи фаъолияти исботкунӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ ривоҷ дода шаванд. Зарур аст, ки дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ аз тамоми имконият ва усулҳои бо қонун манъношуда ҷиҳати бартараф кардани зуҳуроти манфӣ дар ҷомеа самаранок истифода бурда шаванд. Яке аз тағйиротҳои куллие, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ ба вуқӯъ пайваст, ин қабули Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари қабул гардидани КМҶ ҶТ дар таҳрири ҷадид оид ба падидаи далел ва исботкунӣ тағйиротҳои назаррас падид омаданд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунанда дар он зоҳир мегардад, ки дар Кодекси амалкунанда дар доираи як фасл (фасли 3) ба масъалаи далел ва исбот бобҳои алоҳида бахшида шудааст. Боби 9-уми Кодекс «Далелҳо» ном дошта моддаҳои 72-84-ро дар бар мегирад. Боби 10-ум бошад «Исбот» ном дошта фарогири моддаҳои 85-90 мебошад. Дар боби исбот масъалаи ҳолатҳое ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд (м.85), ҷамъ овардани далел (м.86), тафтиши далелҳо (м.87), баҳодиҳии далелҳо (м.88), далелҳои ғайри қобили қабул (м.88.1), преюдитсия (м.89) ва ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон бояд муқаррар карда шаванд (м.90), мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудааст.

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки бори нахуст дар КМҶ ҶТ дар пайванди ба падидаи исбот баъзе муқарраротт ва падидаҳои нави ҳуқуқӣ, аз қабили истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ,

преюдитсия ва эҳтимолият дар раванди исботкунӣ, намудҳои нави далел ва ғ. рӯйи кор омаданд. Зиёда аз ин, бо дарназардошти принсипи баҳсу мунозира ва баробарҳуқуқии тарафҳои мурофиаи ҷиноятӣ, дақиқ шудани функсияҳои мурофиавӣ, мақсади исбот, ҷараёни исботкунӣ ва доираи ҳуқуқу ваколатҳои субъектони раванди исботкунӣ низ тағйир ёфтанд. Чунин ҳолат дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ табиист, ки мушкилиҳои муайянро руйи кор оварда, тақозо менамояд, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани онҳо тавсияҳои судманд ва илман асоснок коркард ва пешниҳод карда шаванд.

Лозим ба зикр аст, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ низ масъалаи исбот номураттабӣ ва норавшании зиёд дорад. Тавре ки амалияи фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судҳои кишвар бо парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳанд, то ҳанӯз ҳолатҳои алоҳидаи бидуни ҷамъоварии далелҳои кофиву боэътимод ва дуруст ба роҳ намондани фаъолияти исботкунӣ ҳолатҳои ғайриқонунӣ ва беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон аз байн нарафтаанд. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13 марти соли 2018 роҷеъ ба камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ мароқ зоҳир намуданд. Президенти кишвар иброз намуданд, ки вазъи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорат аз болои таҳқиқу тафтиш ба талабот пурра ҷавобгӯй набуда, ҳолатҳои кашолкорӣ дар тафтиши парвандаҳо, тафтиши нопурра ва яктарафаи парвандаҳои ҷиноятӣ, бандубасти нодурусти кирдори айбдоршавандагон, набурдани назорати прокурорӣ барои барқарор кардани зарар ва аз тарафи судҳо ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ кам нестанд. Масалан, бо сабаби пурраву ҳаматарафа тафтиш нагардидани ҳолатҳои парванда ва роҳ додан ба дигар қонунвайронкуниҳо, дар маҷмӯъ, қариб 1200 адад парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла аз ҷониби судҳо 534 парванда ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст. Баъди тафтишоти иловагӣ қариб 800 парванда дубора ба судҳо ирсол гардида, 160 парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи худи мақомоти тафтиш қатъ карда шудаанд.

Аз ин рӯ, зарурат пеш омадааст, ки як қатор муқаррарот ва нуктаҳои назариявӣ дар шароити муосир дар ҳошияи принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор, таъмини тақвияти кафолатҳои қонунӣ, асоснок ва одилона ба ҷавобгарӣ кашидани шахс аз ҷониби илми мурофиаи ҷиноятӣ аз диди нав мавриди бознигарӣ қарор дода шавад.

Суханони болозикр мубрамияти мавзуи таҳқиқотро ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ муайян менамоянд.

2. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ

мебошад. Натиҷа, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври паҳновар истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, лозим ба зикр аст, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

5. Дар таҳкикоти диссертатсионии Мадвализода Комёр Мадвалӣ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути қоидаи иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ нишон медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

– Ҳамроев Шуҳратҷон Садирович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

– Қобилов Ботурхоҷа Қобилхоҷаевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – «Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Муҳаммадиев И.С.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарипов Т.Ш.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи криминалистика
ва фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қодирзода Д.С.

имзои Шарипов Т.Ш., Қодирзода Д.С.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э.Ш.

ДДҲБСТ
имзои д.и.ҳ., профессор Муҳаммадиев И.С.
тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо
Бобоев А.Ҷ.